**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Дар шароити муосири иқтисодӣ рушди иқтисодии ҳар як кишвар бештар аз хусусият, сохтори низоми молиявӣ ва ҷанбаҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ вобаста аст, ки вазифаи асосии он таъмини захираҳои барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ зарурист. Низомҳои молиявии муосир вобаста ба манбаи маблағҳое, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дастрасанд, гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Воситаи маъмултарини маблағгузории берунии ширкатҳо дар бахши корпоративии иқтисодиёт ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. Дар таърихи 21-уми январи соли 2021 тавре зимни Паёмашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуданд: «Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад».

Мушкилоти асоси иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии хоҷагии ҷаҳонӣ ин таъмини рушди босубот ва тоб овардани он ба таъсири манфии омилҳои берунаи иқтисодӣ мебошад. Сарфи назар аз рушди расмии ММД-и Тоҷикистон дар соли 2022, бисёр масъалаҳо вобаста ба нигоҳ доштан ва инкишофи тамоюлоти мавҷудаи рушд, то ҳол ҳалли худро наёфтанд, ки таҳқиқоти масъалаҳои назариявию амалии алоқамандии рушди иқтисодиёт бо тавсифҳои мухталифи механизмҳои молиявӣ, ба монанди умқи молиявӣ, дастрас будани захираҳои молиявӣ ва самаранокии молиявӣ ба мадди аввал мегузорад. Ҳамзамон, буҳронҳои иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ солҳои охир таъмини устувории молиявиро ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ ба миён мегузоранд.

Дар радифи гуфтаҳои боло гуфтан ба маврид аст, ки раванди ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ бештар ба роҳҳои такмили механизмҳои молиявӣ рабт дорад. Аз ин лиҳоз, муаллифи рисола низ ҷанбаи назариявӣ ва амалии масоили мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки "...механизмҳои молиявӣ, вобаста аз шароити фаъолияти он, метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ (ё мусбӣ) дошта бошанд, ва давлатҳои тараккикарда таъсири манфии онро бо фишангҳои молиявӣ дар давраи дарозмуддат муътадил нигоҳ медоранд". Албатта, механизмҳои молиявӣ, пеш аз ҳама ба самтҳои зерини низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонад: бозорҳои мол, бозори меҳнат, сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва низоми маориф. Дар ҳар сурат, модели низоми фаъолияти механизмҳои молиявӣ тавассути вазифаи асосии он - тақсими захираҳои молиявӣ, ки бояд ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунад, ифода карда мешавад. Вале, барои он ки механизмҳои молиявӣ вазифаи асосии худро самарабахш иҷро кунад, бояд вай ба сатҳи муайяни рушд ноил шавад, ки он бо таносуби муносиби нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бозорҳои молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ муайян карда мешавад.

Сатҳи рушди механизмҳои молиявӣ давлатҳои гуногун объекти омӯзиши ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба монанди Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва Шурои устувории молиявӣ мебошад. Барои арзёбии рушди молиявӣ, метавонем аз маҷмӯи мушаххасотҳоеро истифода барем, ки коршиносони Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод кардаанд, ки гурӯҳи нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад: умқи молиявӣ (андозаи муассисаҳои молиявӣ ва бозорҳо); фарогирии молиявӣ (дараҷаи дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ барои агентҳои иқтисодӣ); устувории ташкилотҳои молиявӣ ва бозорҳо; самаранокии ташкилотҳои молиявӣ.

Ҷиҳати зери таҳлили илмӣ қарор додани ин муаммо, муҳақиқ дар назди худ мақсади муайян кардани механизмҳои таъсирбахши ҳавасмандгардонии молиявии (омилҳои молиявии) рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти сатҳи рушди низоми молиявии миллӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он гузоштааст.

Дар доираи ин мақсад, муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳоро гузошт: омӯхтани равишҳои илмӣ оид ба табиати иқтисодии захираҳои иқтисодӣ ва нақши онҳо, усулҳои истифодаи самаранок ва механизми ҳавасмандгардонии молиявӣ дар шароити муосир; ошкор намудани масъалаҳои методологии таҳлили таъсири бахшҳои молиявӣ ба рушди иқтисодӣ ва дар ин замина, кор карда баромадани дастурҳои методӣ оид ба ҳисоб намудани онҳо; асоснок кардани хусусият ва сатҳи кунунии рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон; омӯзиши таъсири низоми андоз ва арзёбии таъсири ҳаҷм ва сохтори хароҷоти давлатӣ ба рушди

иқтисодӣ; муайян кардани роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир; коркарди дурнамои рушди бахши молиявӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба нишондиҳандаҳои самаранокии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда муаллиф ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назарӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот, ки фарогири унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод менамояд:

- равишҳои илмӣ оид ба табиати иқтисодии захираҳои иқтисодӣ ва нақши онҳо, усулҳои истифодаи самаранок ва механизми ҳавасмандгардонии молиявӣ муайян гардида, ақидаи олимони соҳа дар шакли яклухтшуда ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шуд. Дар баробари ин, таърифи муаллифи мафҳуми захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявӣ ҳамчун маҷмӯи бозорҳои молиявӣ, муассисаҳо ва муносибатҳоеро, ки захираҳои молиявиро дар байни зернизомҳои он муносиб тақсим намуда, ба рушди иқтисодии миллӣ мусоидот мекунад, пешниҳод карда шудааст;

- таъсири низоми андозӣ ба рушди иқтисодӣ дар сатҳҳои микро- ва макроиқтисод нишон дода шуда, самтҳои асосии такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуд;

- дар асоси арзёбии таъсири ҳаҷм ва сохтори хароҷоти давлатӣ ба рушди иқтисодӣ исбот карда шуд, ки хароҷотҳои давлатӣ дорои хислати истеҳсолӣ бевосита ба ҳаҷми ММД мамлакат таъсир мерасонанд ва хароҷотҳои давлатӣ, ки ба бахшҳои воқъеии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона мегарданд, ба хароҷотҳои давлатӣ дорои хислати истеҳсолӣ шомил мешаванд;

- самтҳои рушди босуръати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян карда шуданд;

- роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир коргард гардид. Инчунин, собит карда шуд, ки механизмҳои молиявӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ бояд раванди истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро дар мамлакат ба назар гирад;

- дурнамои рушди бахши молиявӣ то давраи соли 2030 коркард гардида, пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои муҳими бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас оварда шудааст. Дар баробари ин, тавсияҳо оид ба рушди сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ, инчунин

бахши молиявӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки Одинаев Э.С. ҳангоми навистани рисолаи илмӣ, худро ҳамчун таҳқиқотчии хуб нишон дода, дар доираи вазифаҳои гузошташуда кори назарраси илмӣ ба тавсиб расонид.

Ӯ кӯшишу ғайрат ва малакаи таҳқиқӣ дошта, дар рафти иҷрои кори илмӣ аз усулҳои замонавии таҳқиқот истифода менамуд. Ин имкон дод, ки ба баъзе аз равандҳои баҳсноки мавзуи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушанӣ андохта шавад. Одинаев Э.С. иқтидори боз ҳам зиёдтари таҳқиқотӣ дошта, ба фикри мо, аз уҳдаи зери назари илмӣ қарор додани проблемаҳои гуногуни соҳаи молия таҳқиқшаванда баромада метавонад.

Ҳамин тавр, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гаштааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ** **Бегматов А.А.**

**Имзои н.и.и., дотсент Бегматов А.А.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

28.06.2024с